# ҚАРОРИ
## Ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демография Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

2 апрели соли 2024, № 05. ш. Душанбе

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи доктории Бобозода Комил Олимҷон дар мавзӯи «Ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (назария, методология, амалия) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо, тақризи мушовири илмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Рауфӣ Абдуғаффор тақризи муассисаи пешбар - Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: Раҷабов Раҷаб Кучакович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Самандарзода Искандар Ҳусейн – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишогҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва Асрорзода Убайдулло Саттор - доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор, ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва баромадҳои мутахассисон оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда д.и.и., профессор, академик Қаюмов Н., д.и.и., дотсент Шарифзода Б.М., д.и.и., профессор Хоҷаев П.Д. ва д.и.к., профессор Садридинов С. Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзӯи диссертатсияи доктории Бобозода Комил Олимҷон

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Бобозода Комил Олимҷон дар мавзӯи «Ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (назария, методология, амалия) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои докторӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.

3. Ба Бобозода Комил Олимҷон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва ба Бобозода Комил Олимҷон бо дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонида шавад.

Ки тарафдори қарори Шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид -нест, бетараф -нест. Қарор якдилона қабул гардид.

**Раиси Шуро**: иҷозат диҳед унвонҷӯ докторантро барои бо муваффақият ҳимоя намудани диссертатсия ва сарфароз гаштан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шуро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии Шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мешавад.

**Раиси**
**Шурои диссертатсионӣ, д.и.и.** Ҷонмамадов Ш.Б.

**И.в. Котиби илмии**
**Шурои диссертатсионӣ, д.и.и.** Шарифзода Б.М.

02.04.2024 с.